Нусха
из протоколи ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумӣ
№ 5 аз 26- уми декабри соли 2022

Иштирок доштанд: Кӯчибоев Ш.И. (раис – мудири кафедра), Мавлонова Р.М.(котиб).
аъзоён кафедра 27 нафар
Иштирок надоштанд: 5 нафар

РӮЗНОМА:

1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна таҳти унвони "Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ".

Рисола дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" ба анҷом расонида шудааст.

**Ҷойи кори асосӣ ва вазифаи унвонҷӯ:** Дар давраи коркарди рисолаи илмӣ ва таҳияи он Ҳайдарова М.М. ба ҳайси сармуаллими кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" кору фаъолият бурдааст.

**Роҳбари илмӣ:** Сабурӣ Хайрулло Мирзозода – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

**Муқарризон:** номзадони илмҳои педагогӣ, дотсентони кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумӣ МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Кучибоев Ш.И. ва Шарипов А.

**Шунида шуд: раиси ҷаласа, мудири кафедра, дотсент Кучибоев Ш.И.** - Оид ба "Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумӣ МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна таҳти унвони "Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ" сухан ронда, ҳозиронро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуда, тартиби бурдани маҷлисро пешниҳод намуд, ки он қабул гардид, яъне барои

маърӯзачӣ 30 дақиқа, барои саволҳо 3 дақиқа ва барои музокира 5 дақиқа муайян карда шуд. Ҳамин тавр, мувофиқи рӯзномаи ҷаласа сухан ба унвонҷӯ вогузор карда шуд.

**Унвонҷӯ** - сармуаллими кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна - ҳозиринро бо муҳтавои асосии рисолаи илмӣ, таҳти унвони "Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.01 педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шинос намуд.

Баъда аз ба охир расидани маърӯза ҳозирин ба **муҳокимаи кори илмии** Ҳайдарова М.М., гузаштанд.

**Саволҳои зерин пешниҳод шуда, ба онҳо ҷавоб гардонида шуд:**

Савол: Шарипов А. – дотсенти кафедра - Аз рӯи кадом меёрҳо Шумо динамикаи ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёнро дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ муайян намудед?

**Ҷавоб:** Дидгоҳи ташхисии муайян намудани динамикаи ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёнро дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ: -аз рӯи меёрҳои маърифатӣ (дорои мафҳуми Ватан, ҷузҳои он, донистани мавқеъи географӣ, шароитҳои табиӣ, географияи кишвар); - аз рӯи меёрҳои эҳсосотӣ (дараҷаи худдаркнамои ҳамчун шаҳрварди ватандӯст, арзёбии эмотсионалии фаъолият, рафтор нисбат ва Ватан); - аз рӯи меёрҳои фаъолнокӣ (ҳаҷми иштирок дар фаъолияти аҳмияти иҷтимоидошта, нишон додани мустақилият, ташаббускорӣ дар фаъолият нисбат ба Ватан ва табиати он аст) муайян карда шуд.

Савол: Тӯхтаева Т., сармуаллимаи кафедра - Мақсади асосии таҳқиқоти Шумо аз чӣ иборат аст?

Ҷавоб: Мақсади асосии таҳқиқоти мо асосноккунии шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ мебошад. Ҳамзамон исботи он аст, ки табиат дар канори муҳити таълим воситаи самараноки таълим ва тарбия махсуб ёфта, имкониятҳои пуриқтидори педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстиро дорост

Савол: Негматова М.М., н.и.п., дотсенти кафедра - Дар таҳқиқоти Шумо шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ татбиқи худро ёфтаанд. Бигӯед, ки онҳо кадом шартҳоанд?

**Ҷавоб:** Шарти педагогӣ омили муҳими натиҷанокӣ буда, натиҷаи имконот воситаҳо, чораҳо, ҳолатҳои дохилӣ ва берунии раванди таълим, ки ба ташаккули самараноки арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ мусоидат мекунад, инъикос менамояд. Аввалин шарти педагогӣ, ки дар раванди кори озмоишӣ амалӣ гардид, ин татбиқи иқтидорӣ педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ дар якоягӣ бо тамоми имкониятҳояш мебошад.

Шарти дигари педагогӣ, ташкили системаи ҳамкории эҷодии масъулини обектҳои табии махсусҳифзшаванда, иншоотҳои тақдирсози кишвар, корхонаҳои саноатӣ, ки дар натиҷа табаддули дониш, ғояҳо, ғанисозии метологии тарафайн ба миён омаданд.

**Савол:** Мавлонова Р.М., дотсенти кафедра - Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи шуморо чӣ таъмин менамояд?

**Ҷавоб:** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи моро муқаррароти методологӣ, ки дар асоси ин таҳқиқот қарор гирифтанд, истифодаи комплексии методҳои назариявӣ - методологӣ барои ҳалли масъалаҳо, натиҷаҳои корҳои тарбиявӣ - озмоишӣ бо иштироки 468 нафар донишҷӯёни курсҳои 1,2,3 - юм, 46 нафар омӯзгорон гузаронида шуданд, таъин менамоянд.

**Савол:** Файзиев А.Н. сармуаллими кафедра - Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқоти гузаронидаи худро муаррифӣ кунед?

**Ҷавоб:** Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқоти гузаронидаи мо факултети геоэкология ва туризм, биология ва химияи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" ва факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент маҳсуб меёбад.

**Баромад карданд:**

Муқарризон:

**Кучибоев Ш.И.** – Рисолаи ба анҷом расонидаи унвонҷӯ Ҳайдарова М.М. мубрамии масъалаи таҳқиқотиро дарк ва ҷустуҷӯи мундариҷаи нави арзиши Ватан дар шароити пуртазоди ҷамъиятӣ, зарурати саҳми босамари низоми маориф дар ҳалли вазифаи умумӣ – дар донишҷӯён ташаккул додани тасаввуроти арзишнок дар бораи Ватан, рушди ғояҳои ахлоқии онҳо доир ба қарзи шаҳрвандӣ, шаъну шараф, ҳифзи табиат, марзу бум, ҳамватанон ва оилаи худ вобаста аст, тақозо менамояд.

Дар коркарди рисола аз тарафи рисоланавис исбот карда шудааст, ки потенсиали педагогии таҷрибаомӯзии таълимӣ – саҳроӣ ва комплексӣ воситаи муҳими ташаккули арзишҳои ватандӯстии

донишҷӯёни донишгоҳ тавассути якдигарро пур кардани захираҳо ва имкониятҳои мувофиқи маърифатӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳамзамон, исбот карда шудааст, ки шартҳои педагогии зимни таҳлили назариявӣ ва ҷараёни корҳои озмоишӣ муайян гардида, ҳамчун омили батанзимдарорандаи майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш мусоидат менамоянд.

Дар умум, муаллифи рисола ба хулосае расидааст, ки натиҷаи корҳои озмоишии дар диссертатсия зикршуда асоси хулосаи мазкурро ташкил медиҳанд.

Албатта, дар кор баъзе камбудиҳо ва норасиҳое чашмрас буданд, ки ба хусусияти кор таъсири манфӣ намерасонанд ва онҳо таҳририро талаб мекунанд. Баъд аз таҳрир намудани норасоиҳои ишора шуда, метавон корро барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026 аз рӯи ихтисоси 13.00.01 педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод намуд.

**Шарипов А.** – Унвонҷӯ Ҳайдарова М.М. дар раванди таҳқиқот муайян кардааст, натиҷаҳои ба даст овардашуда самаранокии асосноккунӣ ва татбиқи шарти педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ исбот менамоянд ва ин имкон медиҳад, ки натиҷабахшии самараноки раванди таҳқиқшаванда пешгӯӣ карда шавад.

Рисолаи илмии баанҷом расонида дар сатҳи хуби илмиву назариявӣ ва амалӣ омода гардида, барои ҳалли масъалаи гузошташуда бо далелҳо асоснок карда шудааст.

Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар ҷараёни таҳлили маводи бисёр ва пурарзиши гирдовардааш барои эътимод бахшидан ба андешаронии хеш бо осори таҳқиқии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз маъхазҳои гирдовардааш ба таври фаровон истифода бурдааст.

Дар рисола баъзе камбудиҳо низ ошкор карда шудаанд, ки хусусияти илмии рисоларо паст намезанад ва он ба рисоланавис пешниҳод карда шуд. Дар умум, пас аз бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта корро ба анҷомрасида ҳисобида, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026 аз рӯи ихтисоси 13.00.01 педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод намудан мумкин аст.

Музокирачиён:

Дар музокираи рисолаи илмӣ номзадҳои илмҳои педагогӣ, дотсентон Раҳимова Г., Негматова М.М. ва сармуаллимон Тошева Х.Б.,

Хидирова Л.С. иштирок карданд ва ба рисолаи илмӣ баҳои мусбӣ доданд.

Дотсенти кафедра Шарипов С. сухан намуда қайд кард, ки таъкид кардан бо маврид аст, ки ҷанбаи илмии рисола қавӣ буда, таҳқиқотчӣ барои таълифи пажӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ иқтибосҳо овардааст.

Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки унвонҷӯй дар атрофи мавзӯи интихобнамудааш аз оғози тадқиқоташ то охир ҷиддан таҳлили кори илмӣ бурдааст. Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи номбурда ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот(илмҳои педагогӣ) мутобиқат менамояд.

Қарор карда шуд:

1. Рисолаи илмии Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна таҳти унвони "Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ" аз нигоҳи мазмун ва мухтаво муҳим арзёбӣ гардида, рисолаи ба анҷомрасида ҳисобида шавад;
2. Рисолаи илмии Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна таҳти унвони "Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.01 педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда шавад;
3. Аз Шурои диссертатсионӣ хоҳиш ба амал оварда шавад, ки қарори мазкури ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумиро дастгирӣ намоянд.

Мудири кафедра,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Кӯчибоев Ш.И.

Котиби ҷаласа кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи умумӣ, н.и.п., дотсент Мавлонова Р.М..

Имзои дотсент Ш.И. Кӯчибоев ва Р.М. Мавлонова - ро
тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров" Наврӯзов Э.М.